# ТАҚРИЗИ

мукаррizи расмӣ ба рисолаи диссертатсионии Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзӯи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Рисолаи номзадии Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» вобаста ба воридшавии илму маориф ба низомҳои байналмиллалии таҳсилот ва зарурати ҳамгироии илму техника бисёр мубрам арзёбӣ мегардад.

Масъалаи омодасозии омӯзгорон ба фаъолияти омӯзгорӣ дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Вазорати маориф ва илми кишвар мебошад.

Имрӯз муоширати педагогии омӯзгорон, аз ҷумла омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар шароити таҳсилоти муосир ба мушкилоти зиёд мувоҷеҳ аст. Аз нуқтаи назари хусусиятҳои синнусолӣ ва психологӣ муоширати педагогии омӯзгор бо мактаббачагони хурдсол хусусияти хоси худро дорад. Гузашта аз ин, таҷрибаи муоширати мактаббачагони хурдсол бо ҳамсолону калонсолон ҳанӯз ба қадри даркорӣ инкишоф наёфтааст. Дар робита ба ин, мушкилоти баланд бардоштани сатҳи муоширати педагогӣ байни муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва хонандагон тавассути истифодаи сухани пуробурангу таъсирбахши омӯзгор ва одоби баланди педагогӣ дар ҷараёни таълиму тарбия муҳим мебошад.

Мақсади рисолаи илмӣ муайян кардани маҷмуи заминаҳои педагогӣ барои такмили муоширати педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол бо намунаҳои рафтори мусбӣ буда, дар рисола вазифаҳои зерини таҳқиқот муайян ва ҳал карда шудаанд:

– омӯхтан ва ба низоми муайян даровардани маълумоти илмӣ оид ба масъалаи муоширати педагогӣ дар адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ;

– дар ҷараёни корҳои таълимӣ-тарбиявӣ таъмин намудани ҳамгироии маҳорати касбӣ ва муоширати педагогӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани ин қобилиятҳо зимни корҳои таълимию тарбиявӣ;

– истифода намудани маҳорат, таҷриба ва малакаҳои андӯхташуда аз ҷониби омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ оид ба муоширати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол;

– кор карда баромадан ва дар амал татбиқ намудани барномаи муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагони хурдсол;

– муайян намудани ҷараёни тағйирёбии маҳорати муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба мақсади муайян кардани дараҷаи касбияти донишҷӯён;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани роҳбарии дурусти педагогӣ ба ташаккули муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо мактаббачагонии хурдсол.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои фарҳанги муошират дар таҳқиқоти олимони тоҷик М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Г.Ҳоҷиматова, И.Х.Каримова, А.Мирализода, А.Нуров, Қ.Қодиров, Б.Маҷидова, Ш.Шаропов, Ф.Гулмадов, С.С.Мирзоев, И.Ғуломов ва дар асарҳои олимони Россия А.А.Бодалев, В.А.Кан- Калик, Б.Ф.Ломова, А.В. Мудрик, В.Н.Мясишев ва дигарон инъикос ёфта, таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Заминаҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва психологии ташаккули касбии мутахассисони ҷавон дар низоми маориф дар асарҳои М.Лутфуллозода, Ф., Шарифзода, А.Мирализода, А.Нуров, Қ. Қодиров, Б.Маҷидова, С.Г.Вершловский, Ю.Н.Кулюткин, Л.Н.Лесохинов, А.К.Маркова,

Г.С.Сухобская, К.Г.Тротт, Р.М.Шерайзин ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар асарҳои муҳаққиқон О.А.Абдуллин, Н.Ф.Гонобалин, Р.А.Жилтсов, Г.В.Кондратев, Н.В.Кузмин, В.А.Сластенин, М.И.Скублова, О.А.Абдуллин, Е.С.Исаев, В.А.Кан-Калик, Н.В.Кузмин, Л.Ф.Спирин, И.Шербаков ва дигарон марҳилаҳо, сатҳҳо, шароити мутобиқшавии касбии омӯзгори ҷавон, мушкилоти такмили ихтисоси омӯзгорон баррасӣ гардидааст.

Ба ақидаи унвонҷӯ дар адабиёти психологӣ ва педагогӣ имконияти дар натиҷаи таҳлили сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ оид ба муошироти педагогӣ дар байни омӯзгорон ва хонандагон ихтилофҳои зерин вуҷуд дорад:

– талаботи воқеӣ ба ташаккули муошироти воқеии педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва коркарди нокифояи асосҳои назариявии муошироти педагогӣ;

– байни талаботи воқеии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошироти педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва сатҳи нокифояи амалкарди муошироти педагогӣ бо хонандагон;

– байни имконияти ташаккули муошироти педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва мавҷуд набудани заминаҳои воқеии тамоюли рӯ овардани омӯзгорони оянда ба муошироти педагогӣ.

– байни имконоти истифодаи дастурҳои таълимӣ ҷиҳати муколамаи самарабахш дар ҷараёни таълиму тарбия номутобиқатии шартҳои татбиқи онҳо дар барномаҳои муосири таълимӣ ва тарбиявӣ;

– байни зарурати мусоидат ба ташаккули фарҳанги муошират байни муаллимон ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва инкишофи нокифояи раванди қобили қабул барои таъмини фарҳанги муколама дар мисоли рафтори мусбӣ.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (198 номгӯй) иборат буда, 176 саҳифаи компютериро фаро мегирад. Дар диссертатсия 13 ҷадвал ва 12 расм ҷой дода шудааст.

Паҳлуҳои асосии диссертатсия, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, вазифаҳо, объект, предмет, навгонии илмӣ, асоси методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, муқарраротн асосии дифоъ, пойгоҳи экспременталӣ, давраҳои таҳқиқот ва саҳми шахсии муҳаққиқ, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқ, сохтор ва ҳаҷми рисола дар автореферат инъикос ёфтааст, ки пурра ба итмом расидани таҳқиқотро шаҳодат медиҳад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– ошкор сохтани хусусиятҳои махсуси ташаккули муоширати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани тамоюли рӯоварии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ дар раванди ташкили корҳои таълимию тарбиявӣ;

– муайян намудани қобилияти омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезии барномаи махсуси педагогӣ ҷиҳати дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ташаккул додани муоширати педагогӣ бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

– тарҳрезииамсилаи илмии мутобиқсозии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ, ки аз се қисмати ба ҳам алоқаманд иборат аст: муайян кардани ҳадафҳо; принсипҳо, зинаҳо, шартҳо; баҳодиҳӣ (сатҳи нишондиҳандаҳо);

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

Амсилаи мутобиқсозии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

1.Ташкили раванди муошırати педагогӣ ҳамчун омили мутобиқшавӣ дар асоси ягонагии муносибати ба шахсият ва касбият нигаронидашуда;

2.Муносибати шахсӣ дар ташаккули худогоҳии шахсӣ ва касбӣ ҳангоми амалисозӣ ва бойгардонии таҷрибаи шахсии муошırати омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ инъикос меёбад. Воридкунии мақсадноки омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии онҳо ба касби омӯзгорӣ такмил ёбад;

3.Барномаи педагогии ташаккули муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ, метавонад ҳамчун низоми бомароми тайёрии касбии омӯзгорон хидмат кунад;

4.Ташаккули муошırати педагогӣ имкон медиҳад, ки дар омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ малакаҳои худтакмилдиҳӣ, худрушдҷиҳӣ, одат намудан ва мавқеи худро пайдо намудан дар коллектив ва мутобиқ гардидан бо муҳити иҳотакардашуда ташаккул ёбад.

**Асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:**

– мавқеи самараноки истифодаи шаклу усулҳои самараноки корҳои тарбиявӣ, дарки ҷузъҳои таркибии муошırати педагогӣ бо мактаббачагони хурдсол аз ҷониби омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ роҳандозӣ гардидааст;

– шартҳои педагогии ташаккули муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ вобаста ба таҳсилоти муосир муайян карда шуданд;

– мақсади асосии тамоюли рӯоварии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошırати педагогӣ дар ҷараёни корҳои таълимию тарбиявӣ муайян карда шудааст;

– дар чараёни ташкилу ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ аз технологияи пешқадами инноватсионӣ барои мукаммал намудани таъсирбахшии муошırати педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ тадбирҳои судманд андешида шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" (2013), "Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2002), "Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" (2009), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъд аз муассисаи таҳсили олии касбӣ" (2009) ва ғайра;

2. Таълимоти фалсафӣ дар бораи шахсият, рушди он, фаъолияти инсон (К. Маркс, Л. Фейербах, М.С.Каган ва диг.);

3. Нуктаҳои назар дар бораи муносибатҳо ва фаъолияти муоширатӣ (М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, А.Мирализода, Қ.Қодиров, В.Г.Ананев, Л.С.Виготский, В.В.Давидов, В.П.Зинченко, Г.А.Ковалёв, А.Н.Леонтьев, К.К.Платонов, С.Рубинштейн ва диг.);

4. Мафҳумҳои асосии ташаккули шахсияти омӯзгорон (М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, А.Мирализода, Б.Маҷидова, А.Нуров, Қ.Қодиров, Ф.Н.Гоноболин, А.К.Маркова, Н.В.Кузмина, В.А.Сластенин ва ғайра);

5. Сохтор, вазифаҳо, воситаҳои муошират ва муносибатҳои мутақобилаи байнишахсӣ (М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, А.Мирализода, Б.Маҷидова, А.Нуров, Қ.Қодиров, А.А.Бодалев, М.Е.Дуранов, В.А.Кан-Калик, А.А.Леонтев, Б.Ф.Ломов, В.Ю.Ляудис, А.В.Мудрик, В.Н.Мясишев, А.Наин, В.А.Петровский ва ғайра);

6. Ҳавасмандкунии фаъолият ва ташаккули тамоюлоти арзишӣ (М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, А.Мирализода, Б.Маҷидова, А.Нуров, Қ. Қодиров, Ю.К.Бабанский, И.В.Дубровина, А.А.Леонтев, Г.И.Шукина ва дигарон);

Муқаддимаи рисола ба меъёрҳои таълифи муқаддимаи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар боби якуми диссертатсия **«Масъалаи баланд бардоштани самаранокии омодасозии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ дар раванди муошират педагогӣ»** ҷанбаи педагогии масъалаи мутобиқгардонии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ, муошират педагогӣ ва нақши он дар мутобиқшавии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ва шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Барои он ки табиати мутобиқшавии омӯзгорон, аз ҷумла омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба касби педагогӣ таҳқиқ карда шавад, баррасии фалсафӣ ва иҷтимоии фаҳмиши мутобиқшавии касбиро мавриди омӯзиш қарор додан лозим аст. Ҳамаи ин ба заминаи илмии таҳқиқоти масъала дохил мешавад.

Муносибати фард бо муҳити иҷтимоӣ, нақши шахс дар таърихи рушди ҷомеа, таҳлили ин ҳамкориҳо ба он оварда мерасонад, ки дар фалсафа, сотсиология, психология ва педагогика истилоҳи «мутобиқшавӣ» маънои иҷтимоиро дар шакли мутобиқшавии иҷтимоӣ пайдо кардааст.

Шахсиятро эҷод кардан мумкин нест, танҳо барои мутобиқшавии ӯ ба муҳити нав шароит фароҳам овардан даркор ва фаъолияти ӯро ба самти дуруст равона кардан мумкин аст. Худи раванди мутобиқшавӣ бошад, танҳо дар заминаи таҳаввулоти огоҳона ва самарабахш устувор мегардад, ки дар рафти он шахсони алоҳида муносибатҳои иҷтимоии онҳоро дар низоми талабот, манфиатҳо, мақсадҳо ва хислатҳо ба танзим медароранд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, барои мутобиқшавии иҷтимоӣ мо пайдоиши нақшҳои гуногуни иҷтимоиро дар шахс, аз ҷумла дар нақшҳои касбӣ тасаввур мекунем. Ин заминаҳои умумии назариявӣ дар

асоси раванди мутобикшавии омӯзгорон ба фаъолияти касбӣ-педагогӣ, ҳамчун шакли мутобикшавии иҷтимоӣ мебошанд. Мутобикшавии иҷтимоӣ дар оянда имкони амалишавӣ дорад, агар сохтори он ва унсурҳои таркибии муносибатҳо таҳлилу ҷамъбаст карда шаванд.

Дар боби дуюми диссертатсия **ҷамъбасти корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккул додани омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ** натиҷагирӣ карда шудааст.

Унвонҷӯ бо мақсади натиҷагирӣ аз ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муошират педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру деҳоти Кӯлоб озмоиши омӯзгорӣ гузаронидааст. Озмоиш чунин мақсадҳоро фарогир буд: санҷиши фаъолияти омӯзгорон вобаста ба мавзуи мазкур ва амсилаи омоданамоии онҳо оид ба муошират педагогӣ ва ба таври озмоишӣ санҷидани методологияи ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ мебошад.

Унвонҷӯ дар рафти озмоиши муқарраркунанда муайян кардааст, ки муаллимони ҷавони синфҳои ибтидоӣ интихоби худро бо фаъолияти педагогӣ далел меоварданд. Бо ин мақсад, соли 2012 таҳқиқи омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ гузаронида шуд, ки дар онҳо 72 омӯзгор иштирок карданд. Соли 2022 чунин як назарсанҷӣ бо омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоии соли аввал (34 муаллим) гузаронида шуд. Маълумот оид ба натиҷаҳои назарсанҷӣ тавассути ҷадвалҳо инъикос гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки асоси муошират педагогии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтдоиро самти инсондӯстии таълим ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, тамоюли самти инсондӯстии таълим мантиқи гузариш аз қолаби технологии таҷрибаро дар бар мегирад, ки вобастагии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавонро барои ҳамкорӣ бо донишҷӯён мувофиқи дараҷаи муроҷиат ба шахсияти омӯзгор нишон медиҳад. Инсондӯстикунонӣ, пеш аз ҳама, инсонпарварӣ аст, ки дар муносибати

мутобиқати комили инсон, афзалияти арзишҳои умумибашарӣ ифода меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар маводи нашрнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 16 мақола ва 1 монография нашр шудааст, ки аз онҳо 8 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба табъ расидаанд.

Мубрамият, ҳал гардидани вазифаҳои гузоштташуда, навгониҳои бадастоварда, асонокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳо, аҳамияти илмӣ ва амалии диссератсияро тасдиқ намуда, қайд менамоем, ки дар рисола баъзе камбудию норасогиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1. Таносуби байни ҳаҷму андозаи бобҳо ва хулосаҳои бобҳо на он қадар риоя шудааст .

2. Сатҳу дараҷаи омодагии касбии омӯзгорон яке аз меъёрҳои асосӣ шуморида мешавад ва муаллифи рисоларо мебоист аз мавқеи афзоиши фаъолияти маърифатӣ дар раванди ташаккули эҷодиёти иҷтимоии донишомӯзон дар таълими математика дар баробари пойгоҳи моддию техникӣ ин нуктаро ҳам ба эътибор мегирифт.

3. Дар диссертатсия баъзе саҳву иштибоҳоти услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикргардида ба арзиши назариявию амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса, диссертатсияи Давлатов Миралӣ Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» ба бандҳои 67, 69, 71 ва 72-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои

педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқаррири расмӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи
МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров Сабурӣ Хайрулло
Мирзозода

07.09.2022

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел. (+992 34 22) 6-79-60, 92 847 76 07,E-mail: saburov.67@mail.ru

Имзои Сабурӣ Х.М. -ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Наврӯзов Э.М.

07.09.2022